Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ((734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 14, E-mail:olimov1976@mail.ru, www.taiagron.tj)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдаки Комилзода Низомиддин Бегаҳмад ба диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Тасдиқ мекунам, ки диссертатсия муҳаққиқ диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)», дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, таҳия шудааст.

Диссертатсия ба бандҳои 1.2, 1.2.6.,1.2.14, 1.2.16,1.2.18,1.2.23 -и шиносномаи 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат мекунад.

**2.Мубрамии мавзуи таҳкиқот.**

Ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва тезутундшавии вазъи экологӣ дар самти заминҳои кишоварзӣ тағйироти куллиро дар муносибатҳои аграрӣ-заминдорӣ, бахусус, дар бахши истифодаи самараноки захираҳои замин ва беҳдошти муҳити зист тақозо менамояд. Ин вазъ, пеш аз ҳама, ба низоми заминдорӣ тайи даҳсолаҳои охир вобастагӣ дошта, барои таъмини бехатарии экологӣ, озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, дар маҷмуъ, бетаъсир намондааст. Илова бар ин, дар шакли лозимӣ мавҷуд набудани ҳавасмандии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақаҳои кишвар хусусан дар минтақаи Суғд ба сатҳи пасти истифодабарии онҳо оварда расонидааст. Ин ҳама, дар маҷмуъ, муҳиммияти ҷустҷӯи роҳҳо самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ва ба ин васила таъмини амнияти озуқаворechии кишварро тақозо менамояд. Дар шароити камчинии заминҳои кишт ва минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон масоили мазкур хеле муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад.

Масъалаи таъмини аҳолии кишвар бо ғизои асосӣ аз самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ вобаста буда, барои ин мебояд аҳолии кишвар аз маданияти истифодабари заминҳо хуб огоҳ бошанд ва аз як замин ду се ҳосилро гирифта тавонанд. Ин аст, ки андешаи чаро кишваре бо ҳазорон гектар замини обию лалмӣ наметавонад эҳтиёҷоти аҳолиашро ба 1,5 миллион тонна гандуми нонӣ барорад ва 70 дар сади онро аз хориҷа ворид мекунад, масъулони кишоварзии мамлакатро низ ба ташвиш овардааст. Зеро тибқи ҳисобу китоби худи онҳо бо истифода аз инконияти мавҷуда, аз ҷумла, истифодаи самараноки замин ва об ҳар сол дар кишвар зиёда аз 1,5 миллон тоннагандум истеҳсол кардан мумкин аст. Барои расидан ба ин ҳадаф истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, дар такя ба дастовардҳои илмӣ беҳтар кардани таркиби хок, ҳолати мелиоративии заминҳои корам ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳоро тавсия медиҳанд. Ва мусаллам аст, ки фақат дар сурати истифодаи самараноки замин мо ба ҳалли устувори масъалаи муҳимми стратегии кишвар - амнияти озуқаворӣ мерасем.

Аз ҳамин нуқтаи назар, ҳалли масоили мазкур зарурати омӯзиши чораҳои дастаҷамъонаи оид ба самаранокии истифодабари заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили муҳим ва воситаи асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ тақозо менамояд. Таҳлили вазъи кунунии истифодаи захираҳои замин дар минтақаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ он аст, ки ифлосшавии заминҳои корами кишоварзӣ ба назар мерасад. Қабати ҳосилхезии хок, хусусан, дар заминҳои обёришаванда дар аксар мавридҳо ба таназзулёбӣ оварда расонида, қобилияти барқароршавӣ ва устувории худро тавассути истифодаи ғайриоқилона аз даст доданд. Масалан, зиёда 60%-и заминҳои обёришаванда ба эрозия дучор гардида, дар 90% шӯразанӣ ва дар 23%-и заминҳои кишт баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ба назар мерасад.

Маҳз ҳамин масъалаҳо муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи диссертантро ташкил медиҳанд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳо, дастоварҳои илмӣ, тасдиқот ва хулосаву пешниҳодҳо оварда шудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо дар матни бобу зербобҳои диссертатсия инъикос ёфта ва натиҷагирӣ шудаанд. Ба фикри инҷониб, сифати муҳимтарин унсурҳои навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда инҳо баромад мекунанд:

1. Дар асоси омӯзиш ва пажӯҳиши адабиёти иқтисодӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҷанбаҳои назариявии моҳияти амнияти озуқаворӣ муайян карда шуда, ки тибқи назарияи муаллиф ҳолати

амниятӣ ҳамчун сатҳи дастрасии ҷисмониву иқтисодии доимии аҳолӣ бо озуқаи ҳаётан муҳим мусоидат мекунад;

2. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки барои ба даст овардани таъминоти озуқаворӣ ва таъмини соҳаи саноат ба ашёи хом иҷрои чунин корҳоро зарур мешуморем: самаранок ва оқилона истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, сода намудани низоми баҳисобгирӣ ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин, такмил ва амалисозии самараноки назорати истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

3. Зарурияти истифодаи оқилонаи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун объекти стратегӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ таҳқиқ гардидааст, ки се марҳалаи муҳими истифодаи он муайян гардидааст: муайян намудани мақсади истифодабарии қитъаи замин, истифодабарии бевоситаи воқеии қитъаи замин барои амалӣ намудани ин ҷараён, яъне дастгирии дахлдори иттилоотӣ, технологӣ, захиравӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва маркетингӣ лозим аст, такрористеҳсолкунӣ, нигоҳдории сифати ҳосилхезии хок, барқарор намудани сохтори сифатии хок, ки ба сармоягузорӣ ниёз дорад, дар бар мегирад;

4. Дар асоси маълумоти омори расмӣ ва субъектҳои хоҷагидор, тамоюли истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бо истифодаи аз технологияҳои инноватсионии вилояти Суғд таҳлил ва баррасӣ гардида, сатҳи таъмини амнияти озуқавории вилояти Суғд, фарқияти истифодаи оқилонаи замин миёни ноҳияҳои аграрии вилоят арзёбӣ шуда, муҳимияти истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ барои вилоят асоснок карда шудааст;

5. Исбот шудааст, ки дасгириҳои давлатӣ ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ тавасути барномаҳои давлатӣ оид ба комплекси агросаноатии минтақа яке аз роҳҳои самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзӣ бо истифода аз технологияи муосир мебошад;

6. Дар асоси таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки ба идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ таъсиргӯзор мебошад аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст;

7. Муаллиф дар раванди таҳқиқот ва натиҷагириҳо тавсияҳо оиди усулҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таҳияву татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ба мелиоратсия, суғуртакунонии хавфу хатарҳо, омезиши фаъолиятҳои кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои давлатӣ ва деҳқонӣ, оилавӣ ва ғайра пешниҳод карда аст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Муаллифи диссертатсия фаҳмиши амиқи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣбо такя ба доираи васеи манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла корҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад. Дар таҳқиқот методологии арзёбии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ, асосноккунии консепсияи ташкил ва идоракунии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ мукаммалгардонии усулҳои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замии аниқ муайян карда шудаанд. Асоснокии муқаррароти назариявию методологии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бо мантиқи пайдарпайи изҳорот, далелҳои хулосаҳо ва истинодҳо ба манбаъҳои бонуфуз тасдиқ карда мешавад. Муаллиф на танҳо бо номбар кардани равишҳои назариявию методологии мавҷуда маҳдуд намешавад, балки таҳлили интиқодии онҳоро мегузаронад, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи методологии баҳодиҳиии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро ошкор мекунад, тафсирҳо ва такмилҳои худро пешниҳод менамояд. Хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлили маълумоти назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ бармеоянд. Муаллиф хулосаҳои возеҳ ва асоснокро дар бораи холати имрӯзаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ баён намуда, мушкилот ва ихтилофоти асосиро муайян намуда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии онҳоро муайян месозад. Пешниҳодҳои таҳиякардаи муаллиф хусусияти мушаххас ва амалӣ доранд, ки ба ҳалли мушкилоти баланд бардоштани самранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ нигаронида шудаанд.

Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф аз адабиёти илмии муосир ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ дар самти баланд бардоштани самараи истифодаи заминҳои кишоварзӣ эҷодкорона ва интиқодӣ баҳра гирифтааст. Вазифаҳои гузошташуда дар кори диссертатсионӣ ва навгониҳои имӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулоса ва пешниҳодҳо оид ба амалишавии натиҷаи таҳқиқот мутобиқат намуда, ҳама онҳо дар матни диссертатсия инъикоси худро пайдо намудааст.

**5.Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**

Сохтори кор, гузориши мақсад ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ мекунад, ки муаллиф масъалаи гузошташударо амиқ дарк намуда, таъмини ҷанбаҳои назариявии механизми такмилдиҳии идоракунии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ аниқ намуда, асосҳои назариявию методии ҳалли онҳоро коркард намудааст.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогири 233 номгӯй аст, иборат мебошад. Матни асосии диссертатсия дар 197 саҳифаи компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 28 ҷадвал ва 9 расм ва 12 диаграма мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқ, баҳодиҳии дараҷаи илман коркардшудаи мавзуъ, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои таҳқиқоти илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуъ дарҷ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи амнияти иқтисодӣ дар асоси истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ»**-ном дошта, дар он муносибатҳои назариявии муосир доир ба моҳият ва арзёбии амнияти озуқаворӣ, ҷанбаҳои методологии арзёбии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ, нақши бунёдии самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ба таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст, (саҳ.13-63).

Дар зербоби 1.1. унвонҷӯ иброз намуд, ки дар низоми амнияти озуқаворӣи мамлакат ва минтақаҳои он зуҳуроти сифатан мураккаб ва бисёрҷанбаъ хос аст, ки муайян кардан ва ё арзёбӣ намудан душвор аст. Вазъи ҳифзи манфиатҳои ҳаётии ҳар як фарди ҷомеа, умуман ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилию беруна, нерӯи муқовимати агентҳои гуногуни ҷомеа ба онҳо бидуни талаф додани хусусиятҳоисифатии худ ва ғайра нишондиҳандаҳои умумии амнияти озуқаворӣ мебошад,(саҳ.14). Азнигоҳи муаллиф, ноамнии потенсиалии озуқаворӣ на танҳо барои давлат, балки барои ҳар як хонавода, барои як фард метавонад рӯй диҳад, ҳарчанд падидаҳои буҳронӣ барои ҳар сатҳ гуногун мебошад. Масалан, як хонавода метавонад аз сабаби афзоиши шумораи аъзоёни оила осебпазир гардад. Барои шахси воқеӣ метавон гуфт, ки ӯ аз сабаби номуайянии даромади оянда осебпазир хоҳад буд, (саҳ.19).

Дар зербоби 1.2. муаллиф зикр менамояд, дар натиҷаи такмилу рушди муносибатҳои кишоварзӣ, роҳандозӣ намудани низоми самарабахши заминистифодабарӣ, таҷдиду густариши заминаҳои техникиву технологии меҳнату истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин, баланд бардоштани сатҳи муссалаҳгардии меҳнат дар пояи дастрасии технологияи муосир ва самараҳои интегратсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, норасогиҳо вобаста ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин ҳалли худро ёфта, зиддиятҳо тадриҷан бартараф карда мешаванд, (саҳ.32). Муаллиф хулсагири мекунад, ки ҷараёни ислоҳоти минбаъдаи соҳаи иқтисодиёти кишоварзии мамлакат, ҳамзамон, мукаммалгардиву рушди механизмҳои татбиқи

муносибатҳои аграрӣ бояд дар доираи риояи қатъии анъанаҳои таърихан дар кишвар ва минтақаҳои он ташаккулёфтаи низоми заминистифодабарӣ ва меъёру муносибатҳои ҳифзи муҳиту экологӣ аз тарафи субъектҳои хоҷагидорӣ, ки шароиту иқтидори институтсионалии инкишофи истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавориро муайян менамоянд, сурат гирад, (саҳ.33).

Ҳамзамон диссертант ҳангоми таҳқиқот дар расми 1.2.1. сохтори институсионналии муносибат ба заминҳои кишоварзӣ ва ниҳодҳои муайянкунандаи ҳуқуқи истифодабарии он –ро тасвир кардааст, ки он аз институтҳои расмӣ, институтҳои ғайрасмӣ ва институтҳои ташкилӣ иборат аст, (саҳ.38).

Дар зербоби 1.3. муҳаққиқ исбот кардааст, ки яке аз роҳои таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ ин истифодаи интенсивии заминҳои кишоварзӣ барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот, истифодаи таҷрибаҳои бештар самараноки идоракунии зироатҳо, ки ҳосилхезии заминро беҳтар мекунаду аксуламали бештар ба тағйирёбии иқлим нишон медиҳад, мебошад, (саҳ.51).

**Боби дуюми диссертатсия «Арзёбии вазъи истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва сатҳи амнияти озуқавории вилояти Суғд»** унвон гирифта, арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва фонди заминҳои кишоварзии вилояти Суғд, таҳлили самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзии вилояти Суғд, ҳолати истиқлол ва амнияти озуқавории вилоят дар доираи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣмавриди таҳлил ва арзёбӣ гаштааст.

Муаллиф дар боби дуюм, ки характери таҳлилӣ дорад моҳирона маълумоти омориро аз маҷмӯаҳои оморӣ истифода карда, тариқи ҷадвалҳо ва диаграмма нишон додааст.

Дар зербоби 2.1. таҳлили ҷадвали 2.1.1. нишон дод, ки дар вилояти Суғд , масоҳати умумии замин 2518,8 ҳазор гектарро ташкил дода, нисбат ба соли 2015 0,3 ҳазор гектар зиёд шудааст. Масоҳати умумии замини вилоят соли 2023 дар масоҳати умумии замини мамлакат 17,8 фоизро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 бетағйир мондааст, (саҳ.68). Таҳлилҳои муҳаққиқ ишон дод, ки дар вилояти Суғд соли 2023 майдони заминҳои корам 232,4 ҳазор гектарро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 3,9 ҳазор гектар зиёд ва за-минҳои зери ниҳолҳои бисёрсола бошад 80,5 ҳаз. гектарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 - 3,1 ҳазор гектар зиёд мебошад. Аммо, замини ала-фдарав ва чарогоҳ, ки заминаи рушди соҳаҳои чорводориро ташкил медиҳанд, тамоюли камшавиро гирифтааст, (саҳ.68).

Дар зербоби 2.2. ҳангоми таҳлилҳои диссерант маълум кардааст, ки сатҳи самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзиро дар асоси таҳлили қиёсии истифодабарандагони категорияҳои хоҷагидорӣ арзёбӣ менамоем. Дар натиҷаи ислоҳоти аграрии мамлакат барои пойдориву густариш додани сифатҳои иқтисоди бозорӣ дар иқтисодиёти кишоварзии вилоят шумораи бисёри шаклҳои гуногуни истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ - хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ фаъолият намуда, фазои рақобатӣ эҷод менамоянд.

Таҳлилҳои диссертант нишон дод, ки ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дар ин давраи таҳлилӣ аз 671,9 то 2447,9 млн сомонӣ ва ё 3,6 маротиба афзудааст. Ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзӣ аз 6,9 то 19,9 ва ё 13 банди фоиз афзудааст. Чи тавре, ки ин рақамҳо нишон медиҳанд, афзоиши истеҳсоли ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, асосан, аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳо ва самаранокии ташкили истеҳсолот сурат гирифта-аст. Зеро суръати рушди истеҳсолот нисбат ба сатҳи афзоиши заминҳои кишоварзӣ беш аз 2,5 маротиба зиёд аст, яъне ба ҳар як банди афзоиши за-мин рушди истеҳсоли маҳсулот қариб 2,6 банд афзудааст, (саҳ.85).

Дар зербоби 2.3. муҳаққиқ натиҷагирӣ кардааст, ки сарфи назар аз он, ки давлат дар солҳои охир фаъолияти худро дар самти танзим ва дастгирии соҳаҳои кишоварзӣ, ташкили муносибатҳои оқилонаи заминистифодабарӣ густариш дода, ҳамин тариқ дар роҳи баланд бардоштани дараҷаи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣи мамлакат тадбирҳои мушаххас амалӣ намуда истодааст, вале дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ҳанӯз дар самти истифодабарии самраноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳанӯз хамаи масъалаҳо ҳалли худро наёфтаанд, (саҳ.110).

Дар зербоби 2.4. муаллиф зимни таҳлилҳли худ исбот кардааст, ки хоҷагиҳои вилояти Суғд дар самти таъмини афзоиши ҳосилнокии зироатҳои ҷойи дуввумро ишғол менамояд. Зеро, дар вилоят индекси маҷмаии қиёсии дараҷаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нисбат ба қимати миёнаи мамлакат ва қимати максималӣ мувоффиқан ба 0,88 ва 0,75 баробар аст, ки нисбат ба ҳамин нишондиҳандаҳои вилояти Хатлон дар сатҳи 0,32 ва 0,18 паст мебошад. Ин натиҷаҳо аз ҳисоби ноил шудан ба сатҳи баланди ҳосилнокии чунин зироатҳои кишоварзӣ нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи мамлакат сабзавот (1,06), картошка (1,20) ва полезӣ (1,10) ба даст омадааст, (саҳ.120).

**Дар боби сеюм «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣи вилояти Суғд»** асосноккунии консепсияи ташкил ва идоракунии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ, мукаммалгардонии усулҳои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар зербоби 3.1. муҳаққиқ иброз медорад, ки истифодаи консепсияи истифодаи устувори замин барои коркарди тарзу услуб ва механизмҳои низоми заминистифодабарии кишоварзӣ, ки қобилияти тоб оварданро ба таъсири манфии иктисодӣ ва ҳам экологӣ, аз ҷумла ба кувваҳои унсурии табиат афзоиш диҳад, равона гардад, (саҳ.135).

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳкиқот консепсияи истифодаи устувори замин ва ё заминистифоабарии аз ҷиҳати экологӣ бехатар бояд ҷавҳари низоми идоракунии заминҳои кишоварзиро ташкил диҳад, пешниҳод кардааст. Яъне, истифодаи аз ҷиҳати экологӣ бехатари замин бояд объекти муҳими идорашавандабошад. Ҳар як қитъаи замини истифодашаванда дар низоми муносибатҳои ҳуқуқиву иқтисодӣ, ки қарор мегиранд, бояд ҳуқуқҳои заминистифодабарӣ риоя шавад ва ҳама гуна ҳолатҳои вобаста ба вайрон кардани ҳуқуқҳои заминистифодабарӣ, ки коҳиши сифати замин, ки айни замон он ва ҳамсояқитъаҳо низ таҳдиди экологӣ меорад, ҷазои муносиб дода шавад, (саҳ.136).

Дар зербоби 3.2. диссертант иброз медорад, ки самараи воқеии иқтисодии истифодаи технология ва ё тарзу услуби беҳтар намудани сифати экологиии заминҳои кишоварзӣ бояд дар доираи иштироки фаъоли кормандони хоҷагиҳо дар онҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии меҳнат тақсим карда шавад. Масалан, дар ҳолати риоя шудани талаботи агроэкологӣ дар 100 фоиз, пас на кам аз 50 фоизи самараи иқтисодии гирифташуда ба коргарон подош дода шавад, (саҳ.158).

Диссертант истоб кардааст, ки ба ҳолати экологии заминҳои кишоварзӣ на танҳо омилҳои техногенӣ, инчунин ҳолати берун аз гардиш ва киштгардон мондани замин, ки дар натиҷа он ба таназзул дучор мешавад, ва дар навбати худ он ба паҳншавии касалиҳои растанӣ мусоидат мекунад, таъсир мерасонад. Ба хоҷагиҳое, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол мекунанд, бояд дар шакли маблаггузорӣ ё имтиёзи давлат имтиёзҳои махсус дода шаванд.

Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои асосии кори илмӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз он иборат аст, ки назарияҳои дар кори таҳқиқоти шаклгирифташуда заминаҳои муҳимро оид ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад.

Нуктаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати баланд коркард ва асосноккунии ҷанбаҳои назариявии истифодаи самараноки заминҳоикишоварзӣ дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ, идоракунии истифодаи захираҳои замин ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили он дар соҳаи кишоварзӣ, такмили назариявӣ-методологии таҳқиқоти минбаъда ва ҳалли амалии онҳо дар истифодаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Суғд кишвар истифода бурд.

Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

**7. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва услубии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти баланд бардоштани самранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва бо такя ба маҷмуи усулҳои назариявӣ ва амалӣ мутобиқ ба мавзуъ, ҳадаф ва масъалаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёбад. Асоснок карда шудааст, ки ҷузъҳои афзалиятноки иқтидори сохтории захиравии бехатарии озуқаворӣ, дар асоси ғанигардонии фарогир омода карда мешавад, ҳарчанд, дар нигоҳдории бехатарии озуқаворӣ омилҳои муҳими иқтидори захиравӣ, ки ба миқдор ва сифати заминҳои кишоварзӣ алоқаманди дорад, ҳамзамон, зиёдшавии иқтидори истеҳсолӣ дар минтақаҳо сарфи назар карда шудааст.

Дар диссертатсия барои муқаррар намудани андозаи оқилонаи истифодаи замини корхонаҳои кишоварзӣ шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ бодарназардошти истифодаи воситаҳои ҳисобӣ-конструктивӣ ва муносибатҳои низомӣ таҳияи мушаххаси равишҳои методологӣ пешниҳод шудааст.

Дараҷаи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва хулосаву тавсияҳои дар он инъкосёфта зимни арзёбии шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, арзёбии натиҷаҳо дар конфронсияҳо, семинарҳои илмӣ ва

симпозиумҳо, тасдиқи нуқтаҳои дар фарзия пешниҳодгардида, омӯзиши дастҷамъонаи усулҳои мувофиқ ба масъалаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ва нашри маводи илмии таҳқиқот ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия оварда шуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷиро оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 3 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ба талаботи Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқарраротн Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо дастоварду пешниҳодоти дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба

инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳамият холӣ нестанд:

1. Дар қисмати назариявии рисолаи илмӣ вобаста ба масъалаи баррасишаванда нуқтаи назари илмии олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ хуб инъикос гардидааст, аммо нуқтаи назари мунақидонаи муаллиф оид ба назари онҳо кам ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, ихтилофи назари муаллиф дида намешавад;

2. Дар зербоби 1.2, ки сухан сари масъалаи ҷанбаҳои методологии арзёбии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар низоми таъминоти озуқаворӣ меравад, аммо дар матни диссертатсия ҷанбаҳои методологӣ аз мади назари таҳқиқот дур монда аст;

3. Диссертант дар зербоби 2.1. оиди арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва фонди заминҳои кишоварзии вилояти Суғд таҳлилҳо гузаронида тариқи ҷадвал инъикос кардааст, аммо сабабҳои афзоиш ва ё камшавии заминҳои кишоварзӣ аз тарафи диссертант муайян нагардидааст.

4. Зербоби 2.2. таҳлили самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзии вилояти Суғд номгӯзори карда шудааст. Бисёр ба маврид мебуд диссертант, дар ин зербоб самаранокии иқтисодии истифодабарии заминҳои кишоварзии якчанд хоҷагиҳои вилоятро таҳлил ва натиҷагирӣ менамуд;

5. Бисёр ба маврид мебуд, дар зербоби 3.1. дар қатори модели консептуалии таҳқиқ, ягон модели математикиро истифода мекард то ин, ки модели дурнамои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзии вилояти Суғдро дар заминҳои кишоварзӣ кишвар таҳия мекард;

6. Дар хулосабарории диссертатсия бисёр бамаврид мебуд аз таҳлили ҷадвалҳо ва диаграммаҳое, ки дар рисола мавриди таҳқиқ қарор дода шуда буданд, натиҷагирӣ карда мешуд;

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо паст намекунанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ба таври пурра инъикос менамояд. Таълифоти муаллиф аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои таҳқиқ шаҳодат медиҳад, ки дар асоси талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) таҳия гардидаанд.

**11. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Ниҳоят, диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)», бо забони илмӣ навишта шуда, аз рӯйи мазмун ва сифати нигориш ҷавобгӯ ба талаботи иҷрои кори диссертатсионӣ омода гардида, аз рӯйи хулосагирӣ ва муқаррароти

пешниҳодшуда кори илмии ба анҷомрасида мебошад. Рисолаи илмии диссертант зинаҳои лозимаи санҷиширо гузашта, ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Дар маҷмуъ диссертант мақсаду вазифаҳо ва масъалаҳои дар наздаш гузоштаашударо дар сатҳи зарурӣ иҷро кардааст.

Хулоса, диссертатсияе, ки аз тарафи унвонҷӯ Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, рисолаи илмии анҷомёфта буда, дорои мазмуни илмию амалӣ мебошад. Бинобар ин, арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионӣ Исломзода Обид Олим дараҷаи илмӣ-номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илми иқтисодӣ, дотсент, мудири
кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Комилзода Н.Б.
07.08.2025

Имзои номзади илми иқтисодӣ, мудири
кафедраи молия ва қарзи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ,
Комилов Н.Б.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.
Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (992) 918-57-92-90
E-mail : nizomiddin.komilov@mail.ru

«07» август 2025